Маълумотномаи
асоснокунии зарурати таҳияи лоиҳаи қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи Тартиб ва талаботи пайвастшавӣ ба шабакаи алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои вобаста ба он»

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиб ва талаботи пайвастшавӣ ба шабакаи алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои вобаста ба он» мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия гардидааст.

Бо мақсади татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ, такмили танзими давлатии муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба фаъолияти субъектҳои соҳаи алоқа, рушди инфрасохтори коммуникатсионӣ, таъмини рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои алоқа ва мутобиқ намудани санадҳои зерқонунӣ ба талаботи муосири рушди технологияҳои рақамӣ, таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиб ва талаботи пайвастшавӣ ба шабакаи алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои вобаста ба он» дар таҳрири нав зарур мебошад.

Айни замон масъалаҳои пайвастшавӣ ба шабакаҳои алоқаи барқӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиб ва талаботи пайвастшавӣ ба шабакаи алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои вобаста ба он» аз 30 апрели соли 2016, №207-7 танзим карда мешаванд. Бо дарназардошти рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, васеъ гардидани доираи хизматрасониҳои коммуникатсионӣ, татбиқи шабакаҳои нави алоқа, афзоиши шумораи муштариён, инчунин зарурати баланд бардоштани шаффофият ва рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои алоқа, такмил додани тартиби амалкунанда ба миён омадааст.

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва тавсеаи инфрасохтори рақамӣ, масъалаҳои вобаста ба пайвастшавии шабакаҳои алоқаи барқӣ, таъмини фаъолияти устувор ва муттасили шабакаҳо, инчунин пешниҳод намудани хизматрасониҳои босифати алоқа ба истифодабарандагон аҳамияти калидӣ касб намудаанд.

Айни замон муносибатҳои вобаста ба пайвастшавӣ ба шабакаҳои алоқаи барқӣ дар асоси санадҳои амалкунанда танзим гардида бошанд ҳам, таҳлили амалияи татбиқи онҳо нишон медиҳад, ки бо дарназардошти рушди технологияҳои нав, ворид гардидани хизматрасониҳои рақамии муосир, афзоиши шумораи иштирокчиёни бозори алоқа ва тағйирёбии муҳити танзимшаванда, зарурати тақдиди механизми ҳуқуқӣ ва техникии танзими ин самт лозим аст.

Қобили зикр аст, ки дар лоиҳаи Тартиб усули нави пайвастшавӣ ба алоқаи мобилӣ тавассути низоми ягонаи айниятқунонии биометрии шахсони воқеӣ «ИМЗО» пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон тартиби амалкунандаи пайвастшавӣ ба алоқаи мобилӣ низ боқӣ мемонад. Ногуфта намонад, ки

мутобиқи усули нави пайвастшавӣ ба шабакаи алоқаи мобилӣ тавассути низоми ягонаи айнияткунонии биометрии шахсони воқеӣ «ИМЗО» имконият медиҳад, ки ба номи як шахс то 10 адад сим-корт ба қайд гирифта шавад.

Ҳамзамон ҷиҳати иҳота кардани навгониҳо дар самти пешкаши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба лоиҳаи Тартиб якчанд мафҳумҳои нав, аз ҷумла: айнияткунонӣ (идентификатсия), дилери оператори шабакаи алоқаи мобилӣ, нақшаи тарофавӣ, оператори шабакаи алоқаи мобилӣ, SIM-корт аз ҷумла eSIM, тасдиқи ҳувият (аутентификатсия) ва шабакаи алоқаи мобилӣ

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиб ва талаботи пайвастшавӣ ба шабакаи алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои вобаста ба он» дар таҳрири нав барои такмили механизми танзими давлатии соҳаи алоқаи барқӣ, мутобиқсозии заминаи ҳуқуқӣ ба талаботи рушди технологӣ, рушди рақобати солим, ҳифзи манфиатҳои истифодабарандагон ва таъмини рушди устувори инфрасохтори рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим ва зарурати воқеӣ дорад.

Лоиҳаи пешниҳодшаванда мутобиқи «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, ҷиҳати пешгирӣ, бартарафсозӣ ва роҳ надодан ба омилҳои коррупсионӣ арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаи пешниҳодгардида аз ҷониби Хадамот анҷом дода, дар он мухолифати меъёрҳо ба дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои эҷодкунандаи ҳолатҳои коррупсионӣ ошкор нагардидаанд.

Лоиҳаи мазкур ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети ҷумҳуриявӣ, маблағҳои махсуси Хадамоти алоқа, инчунин манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Бо дар назар доштани асосҳои зикргардида, лоиҳаи мазкур барои баррасӣ манзур карда мешавад.

Хадамоти алоқаи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон